БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Шарҳи моҳонаи таваррум • Майи 2018

**Дар моҳи майи соли ҷорӣ сатҳи таваррум ба 0,6 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли қаблӣ ба андозаи -0,1 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад. Тибқи таҳлилҳо дар давоми моҳҳои охир (апрел ва май) тағйирёбии сатҳи таваррум бештар аз ҳисоби таъсири омилҳои кӯтоҳмуддат аз нишондиҳандаи манфӣ ба нишондиҳандаи мусбӣ табдил ёфт.**

Ба таваррумии ҳосилшуда асосан қиматшавии нархи маҳсулотҳои хӯроквори ба андозаи 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрока 0,5 фоиз (0,1 б.ф.) таъсир расонид. Ҳамзамон, коҳишёбии арзиши хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ ба андозаи -0,7 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Дар моҳи баррасишаванда тағйирёбии сатҳи таваррум асосан аз ҳисоби афзоиши нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквори (гӯшти гов, себ, сабзӣ ва шакар) ба вуқӯъ пайваст, ки омили мазкур мавсимӣ ва гузаранда ба ҳисоб меравад. Инчунин, афзоишёбии нархи орди навъи якум дар моҳи май низ ба қайд гирифта шуд, ки он 1,3 фоизро ташкил дод.

Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ нархи орд тамоюли афзоишёбии худро аз оғози сол шурӯъ намуда, дар моҳи апрели соли равон ба 213,8 долл. ИМА барои 1 тонна баробар гардид, ки нисбат ба аввали сол 16,1 фоиз зиёд мебошад.

**Таваррумӣ солона бошад, тавре интизор мерафт, раванди коҳишёбии худро идома дода, дар моҳи май ба 1,7 фоиз баробар гардид, ки ин нишондод нисбат ба моҳи қаблӣ ба андозаи 0,2 б.ф. кам мебошад.**

**Интизор меравад, ки коҳишёбии сатҳи таваррумӣ солона муваққатӣ буда, дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда ҷамъбаст хоҳад ёфт.**

**Сатҳи таваррумӣ аслӣ,* ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, дар моҳи майи соли ҷорӣ[2] 0,2 фоизро ташкил дода, бо арзёбии солона бошад, ба 1,6 фоиз[1] баробар шуд.** Ба ин раванд нисбатан мӯътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯроквори (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва ҳайвонот), маҳсулоти ғайрихӯроквори (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таваррумӣ аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Таваррумӣ моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Ҳадафи мақсадноки таваррумӣ солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Дар пуёи тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд) мушоҳида кардан мумкин аст, ки поёнравии нисбии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи майи соли 2018 нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид.** Аз ҷумла, нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи моҳонаи картошка (-14,5% м/м ё -37,9% с/с), бехпиёз (-31,2% м/м ё -47,8% с/с), помидор (-14,4% м/м ё 51,8% с/с), бодиринг (-24,7% м/м ё 21,5% с/с), нахӯд (-0,9% м/м ё -1,7% с/с) ва ғайра ба амал омад. Дар баробари ин, вобаста аз таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархҳои орд (1,3% м/м ё -8,5% с/с), гӯшти гов (0,9% м/м ё 3,0% с/с), биринҷ (3,0% м/м ё 5,9% с/с), себ (17,2% м/м ё 34,8% с/с), сабзӣ (23,0% м/м ё -33,5% с/с) ва карам (25,4% м/м ё -14,3% с/с) раванди афзоишёбӣ доштанд.

**Нархи маводи сӯзишворӣ** (1,9% м/м ё 11,9% с/с) дар моҳи май раванди афзоишёбӣ дошт, ки асосан аз ҳисоби болоравии нархи ҷаҳонии маҳсулоти сӯзишворӣ арзёбӣ гардида, ба ин васила қиматшавии он дар кишварҳои содиркунандаи маҳсулоти нафтӣ оварда расонид. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ дар моҳи майи соли ҷорӣ нархи 1 баррел нафт 76,7 долл. ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба аввали сол 19,5 фоиз зиёд мебошад.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** (-0,1% м/м ё 0,6% с/с) бошад, дар ин моҳ новобаста аз афзоишёбии нархи гази моеъ (4,4% м/м ё 21,3% с/с) бо нишондиҳандаи манфӣ ҷамъбаст гардид, ки ба ин раванд коҳишёбии арзиши пардохти нақлиёти ҳавопаймо (-12,1% м/м ё -20,3% с/с) мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзии шаффоф ва пайгиронаро амалӣ намуда, истифодаи фишангҳои монетарӣ ва асъорӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвилро ҷиҳати танзими ҳаҷму арзиши пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳо ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба ҳадафи мақсадноки таваррум равона менамояд.**

**Таварруми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумиғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1]- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**- Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

**Намояи нархҳои истеъмолӣ**

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | Май, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯроквори ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **1,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | 1,1 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 3,0 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | 1,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | -2,9 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 0,9 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | -0,7 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,0 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,5 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 7,8 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -2,2 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | 0,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 1,9 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **0,2** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯроквори** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 0,5 |
| Моводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 0,6 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 1,9 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 2,8 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 0,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **-0,7** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 1,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 3,1 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 4,1 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -3,3 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 0,2 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*